

Барномаи Иттиҳоди Аврупо
«Барномаи мавзӯии ҳуқуқи башар ва демократия»

# Барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ

Душанбе - 2024

Маблағгузории Иттиҳоди Аврупо

vhs
DVV International

Лоиҳа аз тарафи
DVV International амалӣ мегардад.

Маблағгузории
Иттиҳоди Аврупо

DVV International

Federal Ministry
for Economic Cooperation
and Development

# Барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ

Душанбе - 2024

Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

JAHON

**Китобчаи «Барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ» аз ҷониби ТҶ “Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният” дар доираи лоиҳаи “Ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон дар Тоҷикистон”, тайёр карда шудааст. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) маблағгузорӣ шуда, тавассути Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.**

**Китобча барои шахсони аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озодшуда пешбинӣ шудааст.**

**Муҳтавои ин нашрия нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро инъикос намекунад.**

**Иттиҳоди Аврупо аз 27 кишвари узв иборат аст, ки тасмим гирифтаанд дониш, манбаъ ва сарнавишти худро оҳиста оҳиста якҷоя кунанд. Дар якҷоягӣ, тӯли як давраи васеъ дар 50 сол, онҳо минтақаи субот, демократи ва рушди устуворро фароҳам оварда, фарқиятҳои фарҳангиро нигоҳ дошта, таҳаммулпазирӣ ва кафолати озодии шахсро таъмин карданд.**
**Комиссияи Аврупо мақомоти иҷроияи Иттиҳоди Аврупо мебошад ва Иттиҳоди Аврупо омода аст дастовардҳо ва арзишҳои худро бо кишварҳо ва халқҳои берун аз ҳудуди он мубодила кунад. Бо ин мақсад Иттиҳоди Аврупо фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб амалӣ менамояд ва барои рушди кишвар дар ҳаҷми тақрибан 35 миллион евро дар як сол мусоидат мекунад.**

**Ба таври ройгон паҳн карда мешавад.**

**Душанбе - 2024**

## Доғи судӣ чист?

Доғи судӣ - вазъи ҳуқуқии шаҳрванде (шахсе) мебошад, ки суд ӯро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор донистааст ва нисбати ӯ ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ татбиқ шудаанд.[1]

Шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ.[2]

## Дар кадом муҳлат баъд аз адои ҷазо доғи судӣ барҳам мехӯрад?

Доғи судӣ барҳам мехӯрад:

- Агар шахс нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст баъди тамом шудани муҳлати санҷиш доғи судӣ барҳам мехӯрад.

- агар шахс барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст - бо гузаштани се сол пас аз адои ҷазо;

[1] Сарчашма: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D1%83%D0%B4%D0%B8%D0%BC%D0%BE%D1%81%D1%82%D1%8C

[2] Моддаи 84 қисми 1 Кодекси ҷиноятии ҶТ

- агар шахс барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст - бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо;

- агар шахс барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст - бо гузаштани ҳашт сол пас аз адои ҷазо. [3]

**Оё доғи судӣ аз мухлати пешбининамудаи қонун барвақттар бардошта мешавад?**

Агар рафтори маҳкумшуда пас аз адои ҷазо аъло бошад, суд дар асоси илтимосномаи хаттии (дархости) ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат барҳам диҳад.[4] (мисол, агар шахсро барои ҷинояти дараҷаи миёна маҳкум намуда бошанд, бояд баъд аз озод шуданаш бояд 1,5 (якуним) сол гузарад, баъд аз он шахси озодшуда метавонад ба суд илтимосномаи хаттӣ (дархост) оиди пеш аз мухлат барҳам додани доғи судӣ пешниҳод намояд.

**Барои пеш аз мухлат барҳам додани доғи судӣ бояд ба тарзи хаттӣ ба суд муроҷиат намуд.**

Барои пеш аз муҳлат барҳам додани доғи судӣ бояд хатти ба суд муроҷиат намуд.

[3] Қисми 3 моддаи 84 Кодекси ҷиноятии ҶТ
[4] Қисми 6 моддаи 84 Кодекси ҷиноятии ҶТ

## Бархам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ аз ҳамдигар чӣ гуна фарқ доранд?

Бархам хӯрдани доғи судӣ ба таври “худкор” (автоматически) бидуни мурочиат ба суд ва қабули қарор аз ҷониби суд сурат мегирад.

Бардоштани доғи судӣ мурочиати шахсро ба суд ва қабули қарори махсус аз ҷониби суд нисбати маҳкумшударо талаб мекунад, зеро он пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро дар бар мегирад.

## Агар шахс қаблан барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда бошад, вале доғи судияш бархам хӯрда ё бардошта шуда бошад, оё ин ҷавобгарии ӯро ҳангоми содир намудани ҷинояти нав вазнин мекунад?

Ҳангоми муайян кардани ҷиноятҳои такрорӣ ба эътибор гирифта намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо бархам хӯрда ё бардошта шудааст.[5]

[5] Моддаи 19 КҶ ҶТ

**Агар шахс дар ҳудуди давлати дигар маҳкум шуда бошад, оё ин ҳангоми дар ҳудуди Тоҷикистон содир намудани ҷиноят ба ҷазо таъсир мерасонад?**

Доғи судӣ ва дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахсе, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ ҷиноят содир кардааст, набояд ҳангоми банду басти (квалификатсияи) кирдори ин шахс ва ҳангоми таъини ҷазо барои ҷинояте, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардааст, ба инобат гирифта шавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.[6]

**Агар нисбати шахс авф ё ин ки бахшиши ҷазо татбиқ шуда бошад, оё ин доғи судиро мебардорад?**

Доғи судӣ бардошта мешавад дар ҳолате, ки агар дар санади авф ё бахшиши ҷазо, аниқ бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад. Дар ин ҳолат аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади авф (Қонун дар бораи Авф) ё санади бахшиши ҷазо доғи судӣ бардошта мешавад.[7]

[6] Моддаи 15 қисми 5 КҶ ҶТ
[7] Моддаи 84 қисми 2 КҶ ҶТ

**Агар шахс то тамом шудани мухлати бархам додани доғи судӣ ҷинояти нав содир кунад, оё чараёни мухлати бархам додани доғи судӣ қатъ мегардад?**

Бале, агар шахс то тамом шудани мухлати бархам додани доғи судӣ ҷинояти нав содир кунад, ҷараёни мухлати бархам додани доғи судӣ қатъ мегардад. Дар ин ҳолат то тамом шудани мухлати бархам додани доғи судӣ барои ҷинояти нисбатан вазнинтар шахс дорои доғи судӣ барои ду ҷиноят ҳисоб карда мешавад.

**Бархам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ барои шахс чӣ гуна оқибатҳо дорад?**

Бархам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад.

**Оё ҳангоми ба кор мурочиат кардан маълумотнома дар бораи доғи судӣ ё надоштани доғи судӣ лозим аст?**

Корфармо ҳуқуқ дорад, ки аз коргар ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ маълумот дар бораи доштан ва ё надоштани доғи судӣ дар он ҷойҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешниҳоди ин маълумот зарур аст, талаб намояд.[8] Масалан, агар шахс барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин, аз он ҷумла хусусияти террористӣ-экстремистӣ ё дигар ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин содир карда бошад, кор кардан бо ноболиғон ба чунин шахсон иҷозат дода намешавад.[9]

Инчунин, шахсе, ки доғи судӣ дорад, ҳангоми ба кор қабул шудан ба сифати хизматчии давлатӣ (манзур кормандони техникӣ ва хидматрасонии мақомоти давлатӣ) ба маҳдудиятҳои хос доро мебошад. Дар ин ҳолат шахсе, ки ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир кардааст ва доғи судиаш ислоҳ нашудааст, наметавонад барои ишғоли вазифаи хизматчии шаҳрвандӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои ташкилӣ, маъмурӣ ва хоҷагидорӣ муроҷиат намояд.[10]

Инчунин ба шахс ҳангоми ба кор қабул кардан дар баъзеи ҷойҳои корӣ рад карда мешавад, агар ӯ дорои доғи судии бартарафнашуда ва ислоҳнашуда бошад, аммо корфармо бояд далели аниқи рад ва истинод ба қонунеро, ки ба кор қабул кардани шахси дорои доғи судиро манъ мекунад, пешниҳод намояд.

Шахсе, ки бинобар доғи судӣ ба кор қабул кардан рад шудааст, метавонад ба инспекцияи бехатарии меҳнат, прокуратура ё суд шикоят кунад, ки раддияро ғайриқонунӣ ё беасос мешуморад.

[8] Моддаи 26 қисми 4 КҶ ҶТ
[9] Моддаи 288(1) КҶ ҶТ
[10] Моддаи 265 қисми 2 КҶ ҶТ